# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА-046 назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА-046 назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар ҳайати докторони илмҳои педагогӣ, профессорон Сабурӣ Х.М., Сатторов А.Э. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Камолова М.Ф. дар асоси ташхиси гузаронидашудаи диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ" ба чунин хулоса расид:

Диссертатсия ба яке аз масъалаҳои мубрами педагогикаи муосир - ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ бахшида шуда, зарурати омӯзиши амиқи масоили мазкур ва бо методҳои интерактивӣ баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён асоснок карда мешавад.

Дар шароити муосири инкишофи давлати ҳуқуқбунёд таҳқиқи муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда мубрамии махсус пайдо менамояд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар шароити имрӯза эҳтиёҷ ба мутахассисони кордон, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ босавод, ки барои мустақилона пеш гузоштан ва ҳал кардани муаммоҳои гуногуни касбӣ ва иҷтимоӣ қобиланд, тақвият меёбад.

Рушди микёсан васеи давлати ҳуқукбунёд ҷустуҷӯи воситаҳои ҳуқуқии самараноки инкишофи иҷтимоӣ ва инсонгароёнаи ҷомеа, аз ҷумла, таҳсилоти муосирро тақозо мекунад. Ҷузъи асосии таркибии чунин ҷомеа навъи махсуси шахсият бо сатҳи баланди мустақилияти инфиродӣ умуман нисбат ба ҷомеа ва аз он ҷумла, ба ҳокимияти давлатӣ мебошад. Маҳз чунин инсон бо низоми дахлдори арзишҳо, шавқу рағбат ва эҳтиёҷот ҳадафи ҷомеаи шаҳрвандист. Танҳо робитаи фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки раванди фаъолияти амалии ҳаёти одамонро инъикос менамояд, ҷомеаи комили шаҳрвандиро ташаккул медиҳад. Бинобар ин, таъкид бояд кард, ки дар ин раванд нақши пешбару масъул ба омӯзгор мансуб аст.

Ба фикри муаллиф, имрӯз омӯзгор бояд ҷиҳати дар худ таҷассум намудани сифатҳои педагоги ормонӣ (идеалӣ) кӯшиш намояд, дар самти худтакмилдиҳӣ пайваста кор барад, фаъолияти таълимию тарбиявиро ба маҷрои тақвияти зеҳнии миллат равона созад, насли нави шаҳрвандони бошуурро ташаккул диҳад.

Қайд бояд кард, ки ба омӯзгор дарки муаммоҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии давлат, истифодаи воситаҳои фаъолият ва амсилаҳои рафтор, ки ба қонунгузории амалкунандаи давлат мувофиқанд, бошуурона интихоб кардан ва татбиқ намудани технологияҳои ҳуқуқии қабули қарорҳои инфиродӣ ва коллективӣ ба шарте муяссар мегардад, ки шуури ҳуқуқии ташаккулёфта дошта бошад.

Мутахассиси ҷавон - омӯзгор бояд аз ҷиҳати психологӣ тағйироти дар ҷомеа амалишавандаро қабул карда, ба масъулияти торафт афзуншавандаи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ба мустақилият ва оқилона рафтор намудан дар ҳаёти иҷтимоӣ омода бошад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Бобоҷонова Саломат мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

Интихоби мавзуъ ва коркарди илмии он аз тарафи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика ҷолиби диққат буда, аз таҳқиқоти мубрам ва муҳим маҳсуб будани он далолат медиҳад. Унвонҷӯ оид ба мавзуи интихобнамуда маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин асос мундариҷа, вазифа, навгонӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияро тарҳрезӣ намудааст. Мазмуни асосии диссертатсия дар бобҳои он густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат менамояд: *бахши 1* - Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо соҳаҳои илми педагогӣ ва илмҳои дигар; робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ); *бахши 10* - Омодагии мутахассисон дар низоми таҳсилоти бисёрсатҳӣ; *бахши 11* - Технологияҳои

муосири таҳсилоти касбӣ; *бахши 13* - Муҳити таҳсилоти муассисаи таълимии касбӣ.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардидаанд, инчунин дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус, кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ муҳокима шуданд. Ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 3 адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия ва 8 адад мақола дар маҷмуи маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ аст.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст. Дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо, навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи муттаҳидаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ ва кафедраи ҳуқуқшиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар хулосаи кафедраҳо ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён-омӯзгорони оянда пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода омода намудааст ва он метавонад дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда саҳми арзишманд гузорад.

Автореферат аз ҷониби диссертант дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Комиссияи экспертӣ тибқи талаботи бандҳои 60 ва 61-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, бо назардошди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023 таҳти № 295 дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба тартиби мазкур, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя иҷозат дода шавад.
2. Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** аз рӯи диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

2.1. Каримзода Мирзо Бадал – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

2.2. Носиров Саъдулло Шукулоевич, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси **муассисаи пешбари** диссертатсия Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия карда мешавад.
4. Ба нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси Комиссияи экспертӣ-
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

Аъзоёни Комиссияи экспертӣ-
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сатторов Абдурасул Эшбекович

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Камолова Муаззам Файзуллоевна

07.12.2023с.

Имзои Сабурӣ Х.М., Сатторов А.Э. ва Камолова М.Ф.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ-и МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров” — Наврузов Э.М.